**Тақризи**

**муқаррizi расмӣ дотсент Матробиён С.Қ. ба диссертатсияи Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи «Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология пешниҳод мегардад**

Рисолаи илмии Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна ба таҳқиқи яке аз мавзӯъҳои мубрами забоншиносӣ – онтолингвистика, ки як соҳаи забоншиносии равонӣ (психолингвистика) маҳсуб меёбад, бахшида шудааст. Бояд зикр намуд, ки забоншиносии равонӣ ё психолингвистика (psycholinguistics) як самти мустақиле дар забоншиносӣ буда, дар натиҷаи омезиши илмҳои забоншиносӣ ва равоншиносӣ ба вуҷуд омадааст. Масъалаҳое, ки на дар психология ва на дар лингвистика ҳал мешуданд, дар психолингвистика роҳи ҳалли худро ёфтанд. Истилоҳи *психолингвистика* бори аввал соли 1946 аз ҷониби Никола Пронко истифода шудааст. Солҳои 50-ум ва 60-уми асри XX дар миёни масъалаҳои дигари забоншиносӣ таваҷҷуҳ ба масъалаи фаъолияти нутқ зиёдтар мегардад ва соли 1953 дар ИМА Кумитаи забоншиносӣ ва равоншиносии Шӯрои таҳқиқотӣ оид ба илмҳои иҷтимоӣ дар Донишгоҳи Индиана семинари байнидонишгоҳӣ ташкил мекунад ва ин солро ҳамчун соли пайдо гардидани самти мустақили илмӣ – психолингвистика қабул намуданд.

Психолингвистика ҳамчун назарияи фаъолияти нутқ дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар солҳои 60-уми асри XX дар асоси усулҳои равоншиносии солҳои 30-уми асри XX, дар доираи мактаби равоншиносии Л.С.Виготский, А.С.Лури, А.Н.Леонтев, С.Л.Рубенштейн ва дигарон ташаккул меёбад. Аз соли 1985 дар рӯйхати расмии ихтисосҳои забоншиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ шохаи наве зери рамзи 10.02.19 (забоншиносии умумӣ, сотсиолингвистика, психолингвистика) дарҷ мегардад.

Онтолингвистика як шоха ё соҳаи психолиновистика мебошад, ки аз назари бархе аз муҳаққиқон он ҳамчун қисмати алоҳидаи илм этироф шудааст, вале инро на ҳамаи забоншинон қабул доранд. Онтолингвистика, ки ба таҳқиқи фаъолияти нутқи кӯдакон ва раванди ташаккули он бастагӣ дорад, ҳамчун як шохаи алоҳидаи илм ҳанӯз дар ибтидои асри 19 ба вуҷуд омада буд, вале истилоҳи «онтолингвистика»-ро баъд аз ташаккули психолингвистика қабул мекунад.

Таҳқиқи вижагиҳои забони тоҷикӣ дар заминаи нутқи кӯдак, ки бори нахуст ба таври системавӣ дар кори илмии Сайдалиева Муҳайё ба анҷом расидааст, дорои аҳамияти хосае мебошад. Аз як тараф, агар мавзӯъ дар доираи забоншиносии дохилӣ бо шарҳи вижагиҳои фонетикиву грамматикӣ дода шуда бошад, аз тарафи дигар, паҳлуҳои экстролингвистии мавзӯъ ҳаллу фасл шудаанд. Аз ин рӯ, мавзӯи таҳлилшуда барои ҳалли мушкилоти фаъолияти нутқи кӯдак аз назараи психолингвистӣ дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки солҳои охир дар ин ҷода илми забоншиносии ҷаҳонӣ як идда корҳои омӯзишиву пажӯҳишии судмандро ба анҷом расонд. Аз он ҷумла, рисолаву мақолаҳои илмӣ аз ҷониби донишмандон. Гридина Т.А., Тсейтлин С.Н., Румянтсева И.М., Круглякова Т.А., Михайлова О.А., Касевич В.Б., Кондаков Н.И., Tomasello M, K. Abbot-smith, Stefan Th. Gries, Anatol Stefanowitsch ва дигарон ба нашр расидаанд, ки барои мутахассисини соҳаҳои мухталифи илми забоншиносӣ, хусусан забоншиносии равонӣ дастрас ва раҳнамо мебошад.

Бо вуҷуди ин, дар илми забоншиносии тоҷик бобати омӯзишу таҳқиқи фаъолияти нутқи кӯдак дар забони тоҷикӣ «саҳифаҳои холӣ» хеле зиёд аст ва мавзӯе, ки диссертант Сайдалиева М.Х. зери таҳқиқ қарор дода, ба яке аз масъалаҳои мавриди ниёзи забоншиносии тоҷик бахшида шудааст, ҳамаҷиҳата ҷолиби диққат ва қобили дастгирист.

Муаллиф ба маврид зикр менамояд, ки «дар давраи муосир дар атрофи нутқи кӯдак муҳаққиқони соҳаи педагогика ва равоншиносӣ

пажӯҳишҳое анҷом дода, бештар сари масъалаи шаклгирии нутқи кӯдак, ки бо роҳи тарбия ба даст меояд, муҳокимаву мулоҳизаронӣ кардаанд» (саҳ. 12). Воқеан, дар забоншиносии тоҷик ин масъала хеле кам омӯхта шудааст.

Унвонҷӯ дар назди худ вазифа гузоштааст, ки ба таври амиқ таҳқиқу таҳлили лингвистии шаклгирии нутқи кӯдаконро дар муҳити забони тоҷикӣ нишон диҳад.

Маводи рисоларо дар таҳияву таълифи дастуру васоити таълимӣ, дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва дар дарсҳо ва семинарҳои махсус метавон истифода намуд. Инчунин, маводи рисола дар рафти таълими забоншиносии равонӣ, забоншиносии қавмӣ ва равоншиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар истифода хоҳад гардид.

Аз ин рӯ, рисолаи мазкур барои ҳаллу фасл намудани мушкилоти мавҷудаи забоншиносии муосир ва барои беҳтар гардонидани сифати таълими забоншиносии равонӣ ва барномаҳою дастурҳои таълимӣ ҳамчун дастури кӯмакрасони судманди илмӣ метавонад хидмат намояд.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар муқаддима доир ба муҳиммияти мавзӯи рисолаи илмӣ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, усул ва методҳои таҳқиқ, навоварии илмии рисола, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯъ ва манбаъҳои илмӣ маълумот дода шудааст.

Боби аввали рисола, ки «Ташаккул ва инкишофи илми онтолингвистика» номгузорӣ шудааст, аз се бахш таркиб ёфта, дар бораи омӯзиши нутқи кӯдак ва шинохти онтолингвистика дар забоншиносии Ғарб, Россия ва Тоҷикистон иттилоъ додааст. Пажӯҳишгар дар боби мазкур қайд мекунад, ки «антолингвистика як қисмати илми (аз забоншиносии равонӣ сар задааст) забоншиносӣ раванди ташаккули нутқ, нутқи кӯдак ва фаъолияти гуфтории кӯдаконро аз синни якмоҳагӣ то синни шашсолагӣ меомӯзад» (дисс. саҳ. 12).

Дар боби дигари рисола, ки «Ташаккул ва инкишофи нутқи кӯдак» ном дорад, доир ба масъалаҳои шинохти зинаҳои ташаккули нутқи

кӯдак, шаклгирии нутқи кӯдак ва омилҳои он, инчунин, қонуниятҳои шаклгирии тавонмандии коммуникативии кӯдак маълумот додааст.

Боби охири рисола «Таҳлили забонии нутқи кӯдак» номгузорӣ шуда, дар он вижагиҳои фонетикӣ, таркиби луғавӣ, маҳорати когнитивии аз худ кардани грамматика, хусусан, вижагиҳои сарфию наҳвии нутқи кӯдак таҳлил шудааст. Дар хулосаи рисола муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии тадқиқотро дар 8 банд ҷамъбаст намудааст.

Диссертант дар охири рисола номгӯи адабиёти илмиву тадқиқотӣ, ва сарчашмаҳои мавриди истифода қарордодаро бо тартиби муайян овардааст, ки ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи рисолаҳои таҳқиқотӣ мувофиқат мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки дар баробари дастовардҳои муаллифи рисола, ки бешубҳа, дар таҳқиқу омӯзиши илми забоншиносӣ саҳми арзандае хоҳад гузошт, ба андешаи мо, баъзе нуқсону камбудиҳое низ роҳ ёфтаанд, ки бартараф намудани онҳо дар оянда барои беҳбудии таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии рисола мусоидат хоҳад кард:

1. Муаллифи рисола қайд мекунад, ки истилоҳи «онтолингвистика» бори аввал аз ҷониби олими биолог – Геккел (1866) корбурд шудааст (дисс. саҳ. 3). Аммо, воқеан, ин истилоҳ охири солҳои 90-уми асри 20, аз ҷониби забоншиносони рус рӯйи кор омад. Аз ҷониби Геккел истилоҳи «онтогенез» истифода шуда буд.
2. Баъзе калимаҳое, ки аз ҷониби муаллифи рисола мисол оварда шудаанд, тавзеҳталаб мебошанд: *кампютер* (с.62), *Тодҷикишстони азжи-зжам* (с. 66); *бубаш(с)т-ем* (с.66); *дчасшни, ҳошсил* (с.66.) ва ғ. Зеро кӯдакон бештар калимаҳои дорои овозҳои бешавшув ва ҷарангдорро ба овозҳои шавшувдор ва беҷаранг табдил дода, талаффуз мекунанд. Инчунин, талаффузи калимаҳои аз ду зиёд овозҳои пайдарҳами ҳамсадодошта барои кӯдакони 2-3 сола ғайриимкон мебошад.

3. Мусаллам аст, ки нутқи кӯдакон дар заминаи шеваю лаҳҷаҳо ташаккул меёбад ва он, албатта, аз доираи шеваю лаҳҷа баромада наметавонад. Аз ин рӯ, хуб мешуд, агар муаллифи рисола дар нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда дар заминаи кадом шеваҳо таҳқиқот бурданро нишон медод.
4. Муаллифи рисола ба дастовардҳои забоншиносии хориҷӣ доир ба инкишофи забоншиносии равонӣ (онтолингвистикаро дар забоншиносии равонӣ як соҳаи он медонанд) таваҷҷуҳ намуда, аз муваффақиятҳои забоншиносии тоҷик дар замони муосир доир ба таҳияи барномаву дастурҳои таълимӣ чизе иттилоъ надодааст. Бояд қайд кард, ки забоншиносии равонӣ дар баъзе мактабҳои олии кишварамон ҳамчун фанни алоҳида таълим дода шуда, дорои барномаи мукаммали худ мебошад. Аз он ҷумла, Матробиён С.Қ. «Барномаи таълимӣ аз фанни забоншиносии равонӣ (психолингвистика)» (2011; 2017).
5. Бо вуҷуди он ки муаллифи рисола хеле дақиқкор аст, дар саҳифаҳои рисола баъзе нуқсонҳои дорои хусусияти техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасад (саҳ. 8, 9, 12, 22, 26 ва ғайра)

Сарфи назар аз мулоҳизоте, ки дар боло зикр гардид, рисолаи номзадии Сайдалиева Муҳайё Хостихудоевна дар мавзӯи «Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак» кори илмии ба анҷом расидаест, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология пешниҳод гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллифи он ба ҳадди кофӣ муҳтавои рисолаи номзадиро инъикос намудаанд. Дастгоҳи илмии рисола ба меъёрҳои рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар маҷмӯъ аз ошноӣ бо диссертатсияи таҳиякардаи Сайдалиева М.Х. дар мавзӯи «Таҳлили вижагиҳои забонии нутқи кӯдак» бармеояд, ки муаллифи он ҳамчун муҳаққиқи хубе ба камол расида, ба дастовардҳои

забоншиносии муосир хуб ошност, аз маводи забонӣ хуб истифода мебарад ва фикру андешаҳои илмии худро бо далелу бурҳон ба таври зарурӣ асоснок карда метавонад. Бинобар ин Сайдалиева М.Х. ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология комилан сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илми филология, дотсент,
вакили Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Матробиён Саодатшо

Имзои С.Қ.Матробиёнро тасдиқ мекунам:
И.в. мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуруллозода Занҷирамо

«11» январи соли 2021

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС